# Парвардигор бандаи парҳезгор, сарватманд ва ниҳон (касе, ки амалҳояш барои дар пеши чашми мардум нест)-ро дӯст медорад

Аз Саъд ибни Абиваққос (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Расули Аллоҳ (Саломy дуруди Аллоҳ бар ӯ бод)-ро шунидам, ки мефармуд: "Парвардигор бандаи парҳезгор, сарватманд ва ниҳон (касе, ки амалҳояш барои дар пеши чашми мардум нест)-ро дӯст медорад"
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар бод) баён фармуданд, ки Худованд баъзе аз бандагонашро дӯст медорад, аз ҷумла: Парҳезгор: яъне ӯ касе аст, ки аз дастуроти Худованд фармон мебарад ва аз навоҳӣ дурӣ меҷӯяд. Сарватмандро дӯст медорад: сарватманд яъне касе, ки худро танҳо ниёзманди Худованд медонад ва ба касе ғайр аз Аллоҳ таваҷҷуҳ намекунад. Шахси ниҳонкорро дӯст медорад: шахси хоксор ва мутавозеъ, ки Парвардигорашро мепарастад ва танҳо ба онҷи барояш судманд аст машғул мешавад ва барои ӯ муҳим нест касе ӯро бишносад ё мадҳу ситоиш кунад ва дар мавридаш суханони нек бигӯяд.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee